*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Икромӣ Фазлиддин Нуриддин ба диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳлили натиҷаҳои диссертатсияи Каримов Б.И. дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» нишон медиҳад, ки муҳтавои таҳқиқот ба талаботи Шиносномаи ихтисос мутобиқи бандҳои феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ҷавобгӯй мебошад. Дар доираи тадқиқот масъалаҳои марбут ба сархатҳои 1.5. Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қоидаҳои рушд ва такмили идоракунӣ; 2.1. Рушди унсурҳои молияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ; 2.2. Танзими молиявии равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ; 2.3. Назария, методология ва методикаи банақшагирии молиявӣ дар сатҳи давлат ва маҳал; 2.8. Муносибкунонии раванди буҷетӣ: такмили системаи идоракунии даромадҳо ва хароҷоти системаи буҷетӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда - «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, мубрам буда, дар он масоили такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ возеҳ дарҷ гардидааст.

Тахияи механизми самараноки идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар вилояти Хатлон, яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ мебошад. Самаранокии истифодаи буҷети маҳаллӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа таъсири мустақим мерасонад. Мавзуи таҳқиқот аҳамияти амалӣ ва назариявӣ дорад, зеро идоракунии молияи маҳаллӣ на танҳо таъмини хизматрасонӣ, балки пешбурди сиёсати молиявиро низ дар бар мегирад.

Таҳлилҳои пешина нишон медиҳанд, ки сатҳи самаранокии буҷети маҳаллӣ ба тахия, мониторинг ва назорати дуруст вобаста аст. Механизмҳои мавҷудаи идоракунии молия дар сатҳи маҳаллӣ ба талаботи замон пурра ҷавобгӯй нестанд. Ин норасоӣ самаранокии ҷараёни буҷетро коҳиш медиҳад. Аз ин рӯ, тахияи механизми такмилёфта аҳамияти калидӣ дорад.

Усулҳои барномавӣ-мақсаднок ва мониторинги ҳаматарафаи буҷет метавонанд самаранокии идоракуниро баланд бардоранд. Ин равиш ба мақомоти маҳаллӣ имкон медиҳад, ки захираҳоро мақсаднок тақсим кунанд ва ҷараёнҳои даромад ва хароҷотро назорат намоянд. Робитаҳои байни буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ бояд шаффоф ва мутамарказ бошанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки буҷети маҳаллӣ ҳамчун омили асосии сиёсати молиявӣ нақши муҳим мебозад. Барои самаранокии буҷет таҳлили раванди назорат ва мониторинг зарур аст. Усулҳои анъанавӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд. Такмил ва ислоҳоти системавӣ зарур мебошад. Самаранокии идоракунии молия ба се омил вобаста аст: низоми қонунгузорӣ, механизмҳои идоракунӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Муносибкунонии механизмҳои буҷетӣ ба принсипҳои мутамарказ ва шаффофӣ самаранокии молиявиро баланд мебардорад. Такмили назорат ва аудит аҳамияти калон дорад. Ҳамкории мақомоти маҳаллӣ бо сохторҳои марказӣ бояд тақвият дода шавад. Ин амал тақсимоти захираҳоро беҳтар ва ихтилофҳоро кам мекунад. Усулҳои таҳлил ва пешгӯии даромад ва хароҷот бояд илман асоснок шаванд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсияи Каримов Б.И. дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» нишон дод, ки идоракунии молияи маҳаллӣ яке аз омилҳои калидии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа маҳсуб ёфта, нақши стратегии он дар пешбурди сиёсати молиявӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди маҳаллӣ бевосита муҳим таҷассум меёбад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии таҳқиқот – аз асосноккунии ҷараёнҳои назариявию амалии механизмҳои идоракунии

молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки ба бозсозӣ ва баландбардории иқтидори молиявӣ ва идораи босамари молияи мақомоти маҳаллӣ дар вилояти Хатлон боис мегарданд, иборат мебошад.

Таҳлил нишон дод, ки дастовардҳои зерини муаллиф аз унсурҳои навгонии илмӣ холӣ нестанд:

- назарияи асосии консепсияи идоракунии молияи давлатӣ низомбандӣ гардида, инчунин аз тарафи муаллиф таъриф оид ба идоракунии молияи давлатӣ ва принсипҳои заминавӣ пешниҳод гардид;
- муносибатҳои методии илман асоснокшуда доир ба арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла усули барномавӣ-мақсаднок дар идоракунии буҷети маҳаллӣ пешниҳод шуданд;
- таҳлили ҳолати муосири иҷтимоӣ-иқтисодии рушди вилояти Хатлон гузаронида шуд ва имконияти арзёбии нишондиҳандаҳои буҷети маҳаллӣ, нақши он дар низоми молиявии минтақавӣ ва механизмҳои идоракунии қисмати даромад ва хароҷоти он муайян гардид;
- усули мониторинги раванди идоракунии буҷети маҳаллӣ бо пешниҳоди асоснок оид ба такмили механизмҳои идоракунии барномавии мақсаднок дар баланд бардоштани самаранокии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ таҳия шуд. Ҳамчунин самтҳои асосии такмили механизмҳое, ки ба идоракунии буҷети маҳаллӣ мусоидат мекунанд, коркард ва пешниҳод гардиданд.

Дараҷаи навгонии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо он асоснок мегардад, ки дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва методии идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳлил гардида, ҳамзамон муносибати муаллиф вобаста ба коркард ва пешниҳоди механизмҳое асоснок карда шудааст, ки ба татбиқи принсипҳои самаранок ва таъсирбахш дар ин самт равона гардидаанд. Дар асоси таҳқиқот истифодаи воситаҳои самараноки барномаҳои мақсаднок дар идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Хатлон коркард ва пешниҳод гардидааст. Инчунин, вазъи муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон ва амали механизмҳои идоракунии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар натиҷа алгоритми мониторинги идоракунии буҷети маҳаллӣ ва усули барномавӣ-мақсаднок ҳамчун омили таъмини самаранокии идоракунӣ муайян гардида, тавсияҳо ҷиҳати такмили механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Аҳамияти

назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулоса ва муқаррароти асосии диссертатсия асосҳои методологии баҳодиҳии самаранокии идоракунии буҷети маҳаллиро таҳия намуда, шартҳои идоракунии самараноки буҷети давлатиро муайян мекунад ва ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии буҷети маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард.

Аҳамияти амалии таҳқиқот он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва амалии дар диссертатсия таҳияшуда, аз ҷумла методологияи арзёбии самаранокии механизми идоракунии буҷети мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолият, пешниҳодҳо оид ба такмили низоми арзёбии самаранокии идоракунии буҷети маҳаллӣ буда, метавонад аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми мушаххас кардани асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва методии идоракунии буҷетҳои маҳаллӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ истифода шавад.

**5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Муаллифи рисолаи илмӣ дар самти таҳия ва татбиқи чораҳо ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи дурусти диссертатсия як қатор меъёрҳои илман асоснокро риоя намудааст, аз ҷумла баҳодиҳии сатҳи мубрам будани мавзуи таҳқиқот, дуруст муайян намудани мақсад ва вазифаҳо дар ҷараёни таҳқиқот, таҳия ва баррасии мавзуи илмӣ, инчунин истифодаи интишорот ва дигар пешниҳодҳои илмии вобаста ба мавзуъ. Ин равиш мавқеи муаллифро дар баррасӣ ва арзёбии мавзуи таҳқиқот дар сатҳи зарурии илмӣ инъикос менамояд. Ҳамзамон, муаллиф дар самти баррасии такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ як қатор коркардҳои мушаххаси мубрамро истифода намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Экспертизаи диссертатсия нишон дод, ки муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 22 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**7. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Каримов Б.И. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), омодасозии дисссртатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои

диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**8. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, рӯйхати адабиёт 166 номгӯйро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии рисола 187 саҳифаи матни компютериро ташкил дода, дар он 27 ҷадвал, 7 диаграмма ва 15 расм ҷой дода шудаанд. Ҳамзамон, дар кор хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллифӣ ба таври муназзам ва мантиқӣ ифода гардидаанд.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзуи (предмети) таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии онҳо инъикос ёфтаанд (сах.4-11).

**Боби якуми диссертатсия бо номи «Асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии молияи давлатӣ»** ба таҳлили муносибатҳои назариявӣ дар самти идоракунии молияи давлатӣ ва тавсифи моҳияти он бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф таснифи механизмҳо ва принсипҳои асосии идоракунии молияи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин муносибатҳои методӣ оид ба арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои молиявиро ба таври муфассал инъикос кардааст. Ин боб заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқотро таъмин намуда, барои таҳлили амалии механизми идоракунии молия дар сатҳи маҳаллӣ асоси қавӣ фароҳам меорад. (саҳ.12-67).

Ба ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ қайд мекунад: «Дар меҳвари сиёсатҳои иқтисодии давлат дар баробари муҳимтарин ҷузъиётҳои идоракунӣ, ки дар сатҳи ҷамъият ҳам аҳамияти иҷтимоӣ ва ҳам аҳамияти иқтисодӣ доранд, идоракунии молияи давлатӣ низ яке аз муҳимтарин ҷузъиётҳои идораи босамари захираҳои молиявии ба рушди иқтисодиёт нигаронидашуда ва суботи доимии иқтисодиёт маҳсуб меёбад» (саҳ. 12). Алалхусус, қайд бояд кард, ки дар шароити муосири иқтисодӣ принсипҳои умумию тарҳи идоракунии молияи маҳаллӣ, ки ҷузъи муҳими молияи давлатиро ташкил медиҳанд, аҳамияти махсус доранд. Идоракунии дуруст ва касбии молияи давлатӣ асостарин шарт барои беҳбудбахшии сатҳи зисти аҳолӣ, суботи иқтисодӣ, навсозии иқтисод ва соҳаҳои иҷтимоии он, инчунин дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар дониста мешавад.

Аз ин бармеояд, ки дар чунин шароит ташаккул ва сатҳи самаранокии истифодабарии буҷети маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои

афзалиятноки рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии минтақа ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад ва он аз консепсия ва стратегияи миллии мамлакат сарчашма мегирад. Ғайр аз ин, идоракунии ҳадафмандонаи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ метавонад дар рушди бахшу соҳаҳои зерини минтақа, ба монанди бахши воқеии иқтисод, кишоварзӣ, сохтмон, энергетика, нақлиёт ва алоқа, мусоидат намояд. (саҳ. 26-29).

Дар асоси омӯзиши маводҳои назариявӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки раванди идоранамоии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз панҷ марҳилаи бо ҳам алоқаманд иборат мебошанд, яъне аз ташкили лоиҳаи буҷетӣ, то ба шаклгирӣ ва тасдиқи ҳисобот дар бораи иҷрои буҷет. Ба андешаи муҳақиқ, амали мазкур омили муҳимми самараноки ташаккули буҷети маҳаллӣ мебошад. Инчунин, татбиқи механизмҳои идоракунии буҷетӣ маҳаллӣ, ташкили ҳуқуқӣ, банақшагирии буҷет ва пешгӯйии он, идоракунии оперативӣ ва танзим, ҳавасмандгардонӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи буҷетӣ ба иҷрои вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ- иқтисодӣ, аз нав тақсим кардани даромади минтақавӣ, танзими давлатӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисодиёт, таъминоти молиявии сиёсати иҷтимоӣ, назорати ташаккул ва истифодаи фонди сатҳи дуюм-буҷети маҳаллӣ равона карда шудаанд.

Ҳамин тавр, молияи маҳаллӣ ҳамчун асос ба сифати захираҳои молияи худидорашаванда баромад намуда, дар ҳалли масъалаҳои рӯзмараи маҳал аз ҳисоби молияи маҳаллӣ таъмин мегарданд. (саҳ. 30-47).

Ҳамчунин, дар қисмати муносибатҳои методӣ, ки ба арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бахшида шудааст, муаллиф таҷрибаи Британия, Фаронса, Олмон, Шветсия, Португалия, Венгрия, Словения ва дигар кишварҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосаҳои амиқи илмиро барои истифода дар зернизомҳои молияи давлатӣ дар сатҳи маҳал пешниҳод намудааст. (саҳ. 47-67).

**Дар боби дуюм – «Таҳлили ҳолати муосири фаъолияти механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон»** таҳлили амиқ ба ҳолати муосири рушди иқтисодӣ-иқтисодии вилояти Хатлон равона гардида, арзёбии вазъи механизмҳои идоракунии ташаккулёбии буҷети маҳаллӣ ва таҳлили амали механизмҳои идоракунии хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба таври муфассал анҷом дода шуд. Дар ин боб сатҳи самаранокии ҷараёнҳои буҷетӣ, иқтидори молиявии мақомоти маҳаллӣ ва ҷараёнҳои тақсимоти захираҳои молиявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд, ки ин таҳлил заминаи илмии қавӣ барои пешниҳод ва такмили механизмҳои идоракунии молияи маҳаллӣ фароҳам меорад. (саҳ. 68-116).

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки ташаккулёбии иқтисоди минтақавӣ дар вилояти Хатлон ҳамчун зернизоми иқтисоди миллии

кишвар дар доираи дигаргуниҳои куллии иқтисоди кишвар ва махсусан бахшҳои истеҳсолӣ-хоҷагидории он ба вуқуъ омадааст. Бинобар ин, дар чунин шароит нақши буҷети маҳаллии вилояти Хатлон ва фаъолиятнамоии он дучанд гардида, ваколатҳои мақомоти идоракунандаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа муайян гардиданд.

Аз таҳлили ҷадвалҳои овардашудаи муаллиф дида мешавад, ки дар вилояти Хатлон ҳаҷми маблағгузориҳои асосӣ аз ҳисоби ҳама манбаъҳои маблағгузорӣ дар соли 2017 2185,1 млн. сомонӣ, дар соли 2022 то ба 3265,7 млн. сомонӣ ва ё зиёда аз 49,45%-ро дар соли 2022 афзудааст. Вазни қиёсии он ба ҳаҷми маблағгузориҳои асосӣ дар миқёси кишвар дар соли 2022 ба 20,1%-ро ташкил намуда, тамоюли зиёдшавиро дорад. Ҳамин тавр, дар дигар минтақаҳои мамлакат, шаҳри Душанбе, ШНТҶ, ВМКБ, вилояти Суғд афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ ба назар мерасанд.

Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ яке аз омилҳои муҳим ба ҳисоб рафта, он тавассути сармоягузориҳои азим амалӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, дар давоми солҳои 2017-2022 дар ҷумҳурӣ ҳаҷми умумии вориднамоии фондҳои асосӣ ба андозаи 25,5 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст.

Буҷетҳои маҳаллӣ ҳамчун фишанги муҳимми рушди минтақа амал мекунанд, аз ин рӯ танзими буҷети маҳаллӣ аслан таъсири ғайримустақими давлатро ба рушди минтақа тавсиф мекунад. Истифодаи механизмҳои ташкилию иқтисодӣ дар идоракунии буҷети маҳаллӣ бо таҳлили объективии минтақаи амиқи мамлакат бояд суръат гирад. Дар доираи ин, буҷетҳои маҳаллӣ метавонанд, татбиқи сиёсати давлатии молиявии сатҳи минтақаро таъмин созанд. (саҳ. 68-85).

Диссертант дуруст қайд мекунад, ки ҷиҳати таъмини фаъолияти босамар идоранамоии буҷети маҳаллӣ, созмондиҳии низоми мукаммали фарогири механизмҳои дуруст иҷрошавии даромадҳои буҷети маҳаллӣ бояд дар сатҳи пойдор нигоҳ дошта, хароҷотро ба самтҳо ва соҳаҳои афзалиятноки рушди вилояти Хатлон равона месозад, зарур ҳисобида мешавад. Дар ин ҷода, мониторинг ва сифатан арзёбии идорасозии молия дар маҳал, ҷиҳати шаклгирии замина, барои вусъатбахшии амалкардҳои асарбахши мақомҳои ҳукуматии дар маҳалҳо қарордошта муҳим дониста мешавад. (саҳ. 95-96).

Муаллиф дар саҳ. 113 баъд аз муҳокимаи нуктаҳои муҳим хусусиятҳои хоси хароҷоти буҷети маҳаллиро пешниҳод кардааст. Ба андешаи ӯ, ҳадафи идоракунии хароҷотҳои буҷетҳои маҳаллӣ дар давраи миёна ва дарозмуддат ноил шудан ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо назардошти самарабахшӣ ва натиҷагирии ниҳоӣ мебошад.

Пас аз омӯзиши ҳамаи паҳлӯҳои таҳқиқот муаллиф қайд мекунад, ки рӯз

то рӯз, дар бозори хизматрасониҳои бонкии ватанӣ ширкатҳои алоқаи мобилӣ ба яке аз рақибони асосии ташкилотҳои маблағгузории хурд табдил ёфта, дар чунин ҳолат ташкилотҳои маблағгузории хурдро зарур аст, ки ҳар чӣ зудтар ба рақамикунонӣ гузаранд, зеро дар ҳолати сари вақт нагузаштан ба табаддулоти рақамӣ, ширкатҳои алоқаи мобилӣ метавонанд дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавқеи ташкилотҳои қарзиро касб намоянд.

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба зиёда аз 10 самти хароҷот равона карда мешавад ва 85,3% ба соҳаҳои иҷтимоӣ, маориф ва тандурустӣ рост меоянд. (саҳ. 97-116).

**Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии такмили механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон»** оварда шуда, дар он такмили идоракунии механизмҳои буҷети маҳаллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднок дар буҷети маҳаллӣ пешниҳод шудаанд. (саҳ.117-161).

Муаллиф дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда қайд намудааст, ки зарурияти такмили муносибатҳои буҷетӣ ба миён омадааст, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо ваколатҳои хароҷоти буҷетӣ, мутаносибан бо захираҳои молиявӣ бояд таъмин шаванд. Айни замон, ташкили дуруст ва гузаронидани ислоҳоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба баланд бардоштани мустақилияти мақомоти худидоракунӣ мусоидати доимӣ менамояд, он метавонад ба афзоиши мустақилият дар шароити вобастагии молиявӣ мусоидати ҳаматрафа намояд. (саҳ.118).

Дар диссертатсия муаллиф чунин меҳисобад, ки механизми идоранамои ва шароити муътадили буҷети маҳаллӣ зарурати ҳалли масъалаҳои зеринро дарбар мегирад: а) таҳия ва ташаккули як муҳити танзимшавандае, ки идоранамоии буҷети маҳаллиро муайян карда, барои мақомоти маҳаллӣ шароити хуби ҳавасмандкунандаро фароҳам месозад; б) даромади мушаххаси буҷети маҳаллӣ, аз андозҳои маҳалли ташакуллёфта, барои ниҳодҳои давлатӣ ҷиҳати ҷуброни хароҷот зимни адои ваколатҳо ва вазифаҳои мухталифи аз тарафи сохторҳои маҳаллӣ ҷудо гардида, муайян карда шавад. (саҳ.117-161).

Дар хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод шудааст. (саҳ. 162-166).

**9. Мутобиқати муҳтавои автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Баррасии автореферати диссертатсияи Каримов Б.И. дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» собит сохт, ки он пурра ба мазмуну муҳтавои диссертатсия мувофиқат намуда, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯй мебошад ва фишурдаи таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро таҷассум менамояд.

**10. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Сатҳи сифати рисола беҳтар мегардид, агар муаллиф мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқотро бо баррасии монеаҳои мавҷуда дар сатҳи минтақаи вилояти Хатлон дида мебаромад (саҳ. 6-7);

2. Муаллиф зербоби 2.2-и рисоларо «Арзёбии вазъи механизмҳои идоракунии ташаккулёбии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон» номгузорӣ кардааст, вале дар ин зербоб асосан қисми даромадҳои буҷети маҳаллӣ арзёбӣ мешавад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод мегардад, ки барои дуруст будани пайдарҳамии таҳлил ибораи “даромадҳои буҷети маҳаллӣ” ба номи зербоби мазкур илова карда шавад (саҳ. 68-116);

3. Гарчанде муаллиф дар зербоби 1.3 оид ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ҳарф мезанад, механизми истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар мисоли молияи маҳаллии минтақаҳои Тоҷикистон дар боби 3-юми рисола возеҳ ва равшан қайд нагардидааст (саҳ. 117-161);

4. Баъзе истилоҳҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бо забони мураккаб оварда шудаанд, ки хонанда метавонад онҳоро дуруст дарк накунад (саҳ. 9, 19, 54, 126, 129, 134, 156 ва ғ.);

5. Барои баровардани хулосаву тавсияҳои амиқ аз натиҷаҳои таҳлил боз ҳам беҳтар мешуд, агар муаллиф нишондиҳандаҳои омори таҳлилнамудаашро то соли 2024 мекард (саҳ. 68-116, 162-166).

Бояд қайд намоем, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши баланди илмии онро коста намекунад.

**11. Хулосаи умумӣ.**

Диссертатсия аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои бадастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ саҳми калон доранд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ – методӣ иҷро гардида, ба

талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
н.и.и., дотсенти кафедраи молия
ва суғуртаи Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон — Икромӣ Ф.Н.

Имзои Икромӣ Ф.Н. н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.
«___»__________ 2026 с.

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 44.
Тел: +992 981-07-67-67
E-mail: fazliddin-91-91@mail.ru